**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии** 6D.**КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.**

**Парвандаи аттестатсионии № ____________**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 5 августи соли 2025, №82**

Барои сазовор донистани Фарзонаи Сайфиддин шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисос.

Диссертатсияи Фарзонаи Сайфиддин дар мавзуи «Аҳамияти педагогии афкори мутафаккирони асрҳои XII - XIII дар тарбияи насли наврас дар шароити муосири таҳсилот».

Аз рӯйи ихтисоси 6D010301-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя 26 майи соли 2025 қабул карда шуд, протоколи №59-ИҲ-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2; бо фармоиши КОА аз 06.09.2024, №321/шд таъсис ёфтааст).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Фарзонаи Сайфиддин 09.09.1991 таваллуд шудааст.

Фарзонаи Сайфиддин соли 2013 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дараҷаи бакалавриро бо ихтисоси мураббӣ, методист ва муаллими педагогика ва психологияи томактабӣ (**дипломи аълочӣ ДБА №0001131**), соли 2015 дараҷаи магистри факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси таҳсилоти ибтидоӣ (**дипломи аълочӣ ДМА №0000523**) хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии Фарзонаи Сайфиддин аз соли 2013 ба ҳайси омӯзгори синфҳои ибтидоии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи Восеъ оғоз ёфтааст ва то соли 2016 дар муассисаи мазкур ҳамчун омӯзгори синфҳои ибтидоӣ кору фаъолият намудааст.

Солҳои 2016-2022 ба ҳайси ассистенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият намудааст.

Аз соли 2022 то инҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолияташро идома бахшида истодааст.

Фарзонаи Сайфиддин солҳои 2015-2018 дар зинаи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисос (фармоиши қабул аз 19.09.2015, № 127) таҳсил карда, имтиҳонҳоро бомуваффақият супоридааст.

Маълумотномаи академиро оид ба хатм ва супоридани имтиҳонҳоро Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ додааст.

Мавзуи кори диссертатсионии Фарзонаи Сайфиддин дар ҷаласаи шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 23.02.2016, №7 тасдиқ шудааст ва бо қарори шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 27.01.2023, №6/4-5 ба мавзуи кори диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ тағйироту иловаҳо тахти унвони «Аҳамияти педагогии афкори мутафаккирони асрҳои XII - XIII дар тарбияи насли наврас дар шароити муосири таҳсилот» ворид карда шудааст.

Роҳбари илмӣ: Иброҳимов Грез – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи далатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Муқарризони расмӣ:

Абдураҳимзода Қудратулло Саид – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

Аюбзода Манижа Зокир – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои хориҷии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ».

Дар тақризи мусбат додашуда аз 28.06.2025, протоколи №11/03, ки онро раиси ҷаласа, Мансурова Ҷ. С. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, Самиев Т.А. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои педагогӣ Арбобова Ф. имзо карда, ректори Донишгоҳ - доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло аз 01.07.2025 тасдиқ кардааст, ба диссертатсия дар умум баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, иброз кардааст, ки “...мухиммияти мавзуи интихобнамудаи докторант Фарзонаи Сайфиддин бо он муайян карда мешавад, ки асоси сиёсати фарҳангии давлати мо тавассути тарғиби ҳамаҷонибаи таърихи ибратомӯзи халқамон, мероси гаронбаҳои фарҳангиву адабии миллати

кӯҳанбунёдамон, арзишҳои милливу умумибашарӣ, баланд бардоштани сатҳи худшиносиву худогоҳӣ, ифтихори миллӣ, эҳсоси ватандӯстиву ватанпарастии ҳар як фарди ҷомеа, таҳкими ваҳдати миллӣ ва дастовардҳои истиқлолияти Ватанамон мебошад.

Рушди ҷомеа дар ҳар кишвари мутараққӣ бо ғановати маънавии таърихи гузаштагонаш иртибот дорад ва танҳо ифтихорот аз дастовардҳои тамаддуни миллӣ, омӯзиши таърих, шинохти фарҳанг ва қадрдонии муттафаккирони хирадманд ва аҳли илму адаби миллати хеш метавонад дар рафти таълиму тарбияи насли нав саҳмгузор бошад ва ин наслро ба баҳрабардорӣ аз ғояҳои маънавии хеш, ба худшиносии амиқ оварда расонад.

Аз ин ҷост, ки ҳар миллати соҳибтамаддун барои рушд додани соҳаи маориф ва заковати маънавии мардуми хеш, пеш аз ҳама, ба таърихи инкишоф додани илму маърифат, гиромӣ доштани мактаб, муаллим, китобу барномаҳои таълимӣ, талқини масъулияти падару модар, дарки худшиносӣ ва шинохти пойгоҳи хеш дар ҷомеа ва ба ин монанд бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд ва русуму анъанаҳои таълимии гузаштаро ҳамчун маҳсули хиради инсонӣ сармашқи фаъолият дар ин соҳа қарор медиҳад.

Баррасиву пешниҳодот ва тавсияҳои дар мавриди корбурди андешаҳои ахлоқӣ-аънавии осори мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII - XIII ироашуда дар ин ҷода ин холоро ба як андоза пур карда, имконотро барои истифодаи ин арзишҳо дар раванди таълиму тарбияи муосир фароҳам хоҳанд кард.

Дар ҳамин асос метавон ба натиҷа расид, ки кори таҳқиқотии Фарзонаи Сайфиддин дар мавзуи «Аҳамияти педагогии афкори мутафаккирони асрҳои XII - XIII дар тарбияи насли наврас дар шароити муосири таҳсилот» таҳқиқоти баанҷомрасида буда, автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос карда, мақолаҳои чопнамудаи муаллифи диссертатсия ба талаботи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, фарогири мавзуи диссертатсия мебошад.

Инчунин, қайд гардидааст, ки Фарзонаи Сайфиддин довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 13 интишороти илмӣ, аз ҷумла, 8 номгӯй мақолаҳои илмии зерин оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М]. Фарзонаи С. Нақши тарбияи насли наврас аз нигоҳи Абубакр Муҳаммад ибни Туфайл / Фарзонаи С. // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2018. №1 (73).-С. 242-244.

[2-М]. Фарзонаи С. Нақши ҳамбастагии мафҳуми “саодат” ва “табиат” аз дидгоҳи маърифатии Муҳаммад Ибни Сино дар ташаккули хулқи инсон /

Фарзонаи С. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –2017, №4. - С. 256-262.

[3-М]. Фарзонаи С. Ақидаҳои тарбиявии Ибни Туфайл /Ф. Сайфиддин // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –2016, №3/4 (214). - С. 243-248.

[4-М]. Фарзонаи С. Тарбияи инсони комил дар осори Абубакр Муҳаммад нбни Туфайл / Фарзонаи С. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –2016, №3/6 (211). - С. 229-235.

[5-М]. Фарзонаи С. "Таълимоти ахлоқии Ибни Туфайл дар бораи саодат ва адолат"/ Фарзонаи С.// Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ. - 2022, №3(28). - С.139-143.

[6-М]. Фарзонаи С. Аҳамияти педагогии афкори мутафаккирони асрҳои XII - XIII дар тарбияи насли наврас (дар мисоли асари «Ҳай ибни Яқзон»-и Ибни Туфайл / Фарзонаи С. // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – 2023, №32 (32).-С. 118-119. ISSN 2616-5260.

[7-М]. Иброҳимов Г., Фарзонаи С. Масоили тарбияи маънавӣ- ахлоқӣ дар осори мутафаккирони асрҳои XII-XIII ва аҳамияти он дар тарбияи наврасон ва ҷавонон / Фарзонаи С. // Пайёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – 2024, №1 (19). - С. 56-61.

[8-М]. Фарзонаи С. Ташаккули тарбияи насли наврас бо истифодаи афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷик (дар мисоли мутафаккирони асрҳои XII-XIII ) / Фарзонаи С. // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - 2024, №1, (50). – С. 152-160.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва фишурдаи он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва баланд шудани сатҳ ва дараҷаи таҳқиқоти мазкур мегардад. Аз ҷумла:

1. Агар дар диссертатсия адабиёти илмӣ-методии олимони тоҷик ба таври фарогиртар инъикос меёфт, он ҳамчун далели истифодаи таҷрибаи илмии онҳо дар халлу фасли масъалаи мавриди таҳқиқ хизмат мекард ва бешубҳа, аз ҷиҳати илмӣ судманд ва арзишманд мешуд.

2. Дар диссертатсия дар баъзе мавридҳо норасоӣ ва нофаҳмоӣ дар шарҳ ва тафсири диаграммаҳо ва ҷадвалҳо ба мушоҳида мерасад. Беҳтар мебуд, агар муҳаққиқ ин мавридҳоро бо равшании бештар ё дар шакли дигар шарҳ медод ва ё аз ҷиҳати мазмунӣ муфассалтар тафсир менамуд.

3. Дар баъзе мавридҳо байни рӯйхати адабиёти истифодашуда ва иқтибосҳои овардашуда дар матни диссертатсия номувофиқатӣ ба назар мерасад, ки бартараф намудани он барои таъмини саҳеҳият ва эътимоднокии илмии кори таҳқиқотӣ зарур мебошад.

4. Беҳтар мешуд, ки ҳар яке аз вазифаҳои дар пеши таҳқиқот

гузошташуда дар қисмати хулосаҳо ва ҷамъбасти ниҳоии таҳқиқот ба тавri возеҳ ҳаллу таҳлил мегардид.

5. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ҷой доранд, ки бартарафсозии онҳо барои такмили сифати забонӣ ва услубии кори илмӣ зарур аст.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти гузаронидаи докторант арзишҳои назаррасро соҳиб буда, дақиқӣ ва возеҳии мафҳуми диссертатсия дар гузориши проблема ва роҳҳои ҳалли он, вазифагузории он, аҳамияти назариявию амалӣ гувоҳи онанд.

Хулоса, диссертатсияи Фарзонаи Сайфиддин дар мавзуи «Аҳамияти педагогии афкори мутафаккирони асрҳои XII - XIII дар тарбияи насли наврас дар шароити муосири таҳсилот» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва тахсилот ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳ,укумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Фарзонаи Сайфиддин сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Самиев Тохирҷон мураттаб шуда, рисола ҳалли мушкилоти мубрам ва мухимми педагогиро пешниҳод менамояд ва ба талаботи бандҳои 31-33-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки аз 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, таҳти № 295 тасдиқ шудааст, ҷавобгу мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 28.06.2025, протоколи №11/3, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Фарзонаи Сайфиддин иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Ба автореферати диссертатсия ба унвонии шурои диссертатсионӣ тақризҳо ворид шудаанд.

Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:

1. Мирзоев Абдулазиз Раҷабович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Тақриз мусбат мебошад. Муқарриз қайд мекунад, ки дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, автореферати диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, аз ҷумла:

- дар автореферати диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ва баъзан услубӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад;

- нодуруст зикр шудани саҳифаҳои иқтибосҳои адабиёти истифодашуда ва зикр нагардидани ҷилдҳои китобҳои серҷилда (саҳифаҳои 13, 17, 19, 21).

2. Нарӯзова Гулшан Турсуновна – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи забони русии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Тақриз мусбат мебошад.

3. Файзуллозода Ҳусейн Файзулло – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, декани факултети тарбияи ҷисмонии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов.

Тақриз мусбат мебошад.

4. Аҳмадзода Зулфия Кабир – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, ноиби ректор оид ба идеология, тарбия ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарриз эрод надорад. Тақриз мусбат мебошад.

Дар умум, муқарризони ғайрирасмие, ки ба автореферати диссертатсия тақриз фиристодаанд қайд мекунанд, ки автореферати диссертатсия ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳ,укумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва автореферат барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм ҷавобгӯ буда, муаллифи он Фарзонаи Сайфиддин сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ ва қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 аз 26 майи соли 2025, №59-ИҲ, тибқи банди 61, Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки** дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи докторант корҳои зерин **иҷро шудаанд:**

- баррасии вазъи омӯзиши афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII-XIII дар тарбияи насли наврас **муайян ва асоснок карда шудааст;**

- ҷанбаҳои педагогӣ ва психологии мутафаккирони асрҳои XII -XIII ба таълим ва тарбияи насли наврас **ошкор карда шудааст;**

- нақши ғояҳои таълимӣ ва тарбиявии дини ислом дар ташаккули назарияи педагогии мутафаккирони асрҳои XII-XIII муайян, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва **собит карда шудааст;**

- тавсияҳои методӣ роҷеъ ба истифодабарии назарияи педагогии мутафаккирони асрҳои XII-XIII дар раванди таълиму тарбияи насли наврас. **коркард ва пешниҳод карда шудааст.**

- самаранокии дар амал татбиқ намудани он ба таври озмоишӣ **санҷида шудааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- муқаррароту тавсияҳои назариявии дар диссертатсия ироа шуда ба методологияи муносибати системавӣ ва консепсияи илмии педагогиву психологӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ такя мекунад, ба таври васеъ мавриди таҳқиқоти минбаъда ва истифода **қарор гирифта метавонад;**

- масоили педагогии афкори мутафаккирони асрҳои XII - XIII дар тарбияи насли наврас дар шароити муосири таҳсилот ва инъикоси он дар адабиёти педагогӣ омӯхта, таҳлилу **баррасӣ карда мешаванд;**

- моҳият ва вижагиҳои педагогии афкори мутафаккирони асрҳои XII - XIII дар тарбияи насли наврас дар шароити муосири таҳсилот дар фаъолияти таълимиву тарбиявии муассисаҳои таълимӣ **ошкор ва аниқ карда мешаванд;**

- аҳамияти педагогии афкори мутафаккирони асрҳои XII - XIII дар тарбияи насли наврас дар шароити муосири таҳсилот муайян карда шуда, мавриди озмоиш **қарор дода мешаванд;**

- усулҳои самаранок ва инноватсионии афкори мутафаккирони асрҳои XII - XIII **мушаххас карда шуданд**, ки дар тарбияи насли наврас дар шароити муосири таҳсилот **мусоидат карда метавонад.**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия,** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- коркарду ташкили технологияи истифодаи арзишҳои педагогии осори мутафаккирони форс тоҷики асрҳои XII – XIII **метавонад** дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ва талаботи онҳо ба худрушддиҳӣ дар шароити муосири муассисаҳои таълимӣ **кӯмак расонанд;**

- баррасиву пешниҳодот ва тавсияҳои дар мавриди корбурди андешаҳои ахлоқӣ-аънавии осори мутафаккирони форс тоҷики асрҳои XII –

XIII дар раванди самарабахши таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимиро **фароҳам меоварад;**

- имконияти фароҳам овардани андешаҳои педагогии мутафаккирони форс тоҷики асрҳои XII – XIII дар ҷараёни таълиму тарбия тавасстуи истифодаи мақсадноки онҳо **кӯмак мерасонад;**

- мавод ва натиҷаҳои таҳқиқотро дар амалияи кор, дар зинаҳои таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дар такмили ихтисоси омӯзгорон **метавонанд** ба таври васеъ **мавриди истифода қарор бигиранд;**

- тавсияҳои илмию педагогии дар кори таҳқиқотӣ коркардшударо омӯзгорон **метавонанд** ҷиҳати баланд бардоштани самарабахшии кор ва сифати таълим **истифода баранд;**

- муҳтавои таҳқиқоти мазкурро ҳамчун курси махсус, барои бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **метавон тадрис намуд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳо, роҳнамо ва дастурҳои методӣ барои омӯзгорон ва воситаҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ **ёрии амалӣ мерасонанд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** нишон доданд, ки дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

- асоснокӣ ва эътимоднокии натиқаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот **таъмин карда шудаанд;**

- маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқотро, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои асосии таҳқиқот мувофиқанд **таъмин карда метавонанд;**

- интихоб ва таҳлили шароит ва натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ **таъмин карда шудаанд;**

- тасдиқи қоидаҳое, ки дар фарзия ва ғояи таҳқиқот пешниҳод шудаанд, **исбот карда шудааст;**

- таҳлилу арзёбӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ бадастомада, **коркард ва самаранокии онҳо исбот карда шудааст;**

- муътамад будани натиҷаҳои ноилшуда ва таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи диссертатсия **асос ёфтанд;**

- истифодаи методҳои такмилдиҳандаи якдигар, мақсадҳои комилан мувофиқ, вазифаҳо ва мавзуи таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот тавассути методҳои оморӣ ва таҳлил **ба даст омадаанд;**

- иштироки бевоситаи муаллиф дар фаъолияти касбии омӯзгорӣ, илмӣ-методӣ, таҳқиқотӣ ва ташкили он дар пойгоҳи озмоишӣ **таъмин карда шудаанд.**

- мукаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети таҳқиқот мувофиқ буда, баланд бардоштани самарабахшии аҳамияти педагогии афкори мутафаккирони асрҳои XII - XIII дар тарбияи насли наврас дар шароити муосири таҳсилотро аз бисёр ҷиҳатҳо **таъмин карда метавонанд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот бо кори озмоишӣ, таҷрибаи шахсии педагогии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ тасдиқ карда шуда, натиҷаҳои ташхису санҷиш ба муқоисаи маълумоти дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада (то озмоиш ва баъди озмоиш) **асос ёфтанд;**

- **натиҷаҳои таҳқиқот** дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои илмиву методӣ ва омӯзишӣ ва ғ. **ироа, тасвиб ва баррасӣ шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ба амал баровардани фаъолиятҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ таҷассум меёбад:**

- **дар иштироки бевоситаи** муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;

- **дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи** адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

- **дар банақшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии** маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада;

- **дар истифодаи маҷмуи зиёди методу воситаҳои таҳқиқотӣ** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

- **дар таҳияи воситаҳои ташхис** барои муайян кардани афкори мутафаккирони асрҳои XII - XIII дар тарбияи насли наврас дар шароити муосири таҳсилот;

- **дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ**, тасдиқи амалии мукаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот;

- **дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ**, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Дар маҷлис аз 5 августи соли 2025, №82 шурои диссертатсионӣ қарор кард, ки Фарзонаи Сайфиддин ба дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор дониста шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 9 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда. Овоз доданд: тарафдор – 9 нафар, муқобили – нест, бюллетенҳои беэътибор - нест

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Сафаров Шодӣ Асомуродович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Муҳиддинзода Баҳриддин

Санаи барасмиятдарории хулоса: 5.08.2025

Муҳри муассисае, ки дар назди он шурои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст.